# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

## Дар бораи Регламенти техникии бехатарии асбобҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Регламенти техникии бехатарии асбобҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи Регламенти техникии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Қарори мазкур баъд аз шаш моҳ аз рӯзи тасдиқи Регламенти техникии бехатарии асбобҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд, мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 27 апрели соли 2015 № 236

ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 апрели соли 2015, № 236
тасдиқ шудааст

# Регламенти техникии бехатарии асбобҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Регламенти техникии бехатарии асбобҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд (минбаъд - Регламенти техникӣ) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" таҳия шуда, талаботи барои истифода ва иҷро ҳатмиро ба дастгоҳҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд, (минбаъд - таҷҳизоти газистифодашаванда) муқаррар менамояд.

2. Регламенти техникии мазкур талабот ба таҷҳизоти газистифодашавандаро бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва (ё) саломатии одамон, молу мулк, муҳити зист, ҳаёт ва (ё) саломатии ҳайвонот ва наботот, пешгирӣ намудани амалҳое, ки истеъмолкунандагонро (истифодабарандагонро) вобаста ба таъинот ва бехатарии он ба иштибоҳ меоранд, инчунин бо мақсади таъмини самаранокии энергетекӣ ва сарфаи манбаъҳо муқаррар менамояд.

## 2. Мафҳумҳои асосӣ

3. Дар Регламенти техникии мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- ҳаводиҳии камераи сӯзиш - раванди тавассути ҳаво аз байн бурдани гази носӯхтаи мавҷуда дар камераи сӯзиши таҷҳизоти газистифодашаванда ва дудкашҳо, ҳангоми набудани интиқоли газ дар сархонаи сӯзиш, ҷой дорад;

- вақти барангезиш (даргирӣ) дар таҷҳизоти газсӯз - фосилаи вақт аз лаҳзаи интиқоли газ ба сархона то алангагирӣ ва паҳн шудани аланга дар ҳама сатҳи болоии таҷҳизоти газсӯз;

- роҳи газрав - қисми таҷҳизот байни ҷузъҳои асосии маҳкамшаванда ва сархона (сархонаҳо), ки газ интиқол мешавад ё дар он газ мавҷуд аст;

- сӯзишвории газмонанд - сӯзишворие, ки дар ҳарорати 15 С ва фишори атмосферии 101,325 кПа дар ҳолати газӣ мебошад;

- сархонаи сӯзиш бо омехтакунии пурраи пешакӣ - сархонае, ки дар он газ бо ҳаво барои сӯзиш дар назди сӯрохиҳои баромадгоҳи сархона омехта мешавад, ё ин ки омехтаи сӯзишвории тайёр интиқол мешавад;

- афрӯзиш - раванде, ки дар он алангагирии омехтаи газу ҳавои сархонаи оташгирон ва (ё) асосӣ бо бақайдгирии мавҷудияти аланга рӯй медиҳад;

- сархонаи пайваст (муштарак) - сархонае, ки барои афрӯзиши алоҳидаи сӯзишвориҳои навъи газмонанд ё моеъ пешбинӣ шудааст;

- меъёри ихроҷи газ - бузургии иҷозатдодашудаи (имкониятдори) ихроҷи газ ба воситаи роҳи газгузар ҳангоми интиқоли газ ба лӯлаҳои (потрубкаҳои) воридшаванда ва ҳангоми маҳкам будани асбобҳои идоракунӣ, батанзимдарорӣ ва бехатарӣ;

- ба муомилоти бозорӣ баровардани таҷҳизоти газистифодашаванда - равандҳои гузариши таҷҳизоти гази истифодашаванда аз истеҳсолкунанда

ба истеъмолкунанда (истифодабаранда), ки таҷҳизоти газистифодашаванда пас аз анҷоми истеҳсоли он мегузарад;

- миқдори муайяни таҷҳизоти газистифодашаванда - миқдори ба таври муайян ҳаммонандшудаи воҳидҳои таҷҳизоти газистифодашаванда, ки дар як ва ҳамон хел шароити раванди технологӣ истеҳсол карда шудаанд;

- афрӯзиши такрорӣ - афрӯзише, ки зимни он бо таркиботи таҷҳизот пешбинӣ шудааст, ки баъд аз хомӯш шудани аланга мавриди кори таҷҳизот интиқоли газ ба сархонаи сӯзиш манъ мешавад ва иҷрои барномаи муайяни бакордарории автоматикии сархона оғоз мешавад;

- иқтидори бакордарорӣ - иқтидори миёнаи таҷҳизоти газистифодашаванда дар ҷараёни фосилаи вақт аз лаҳзаи интиқоли газ ба сархона то бақайдгирии мавҷудияти аланга;

- ҳуҷҷатгузории техникӣ - системаи ҳуҷҷатҳои графикӣ ва матнии ҳангоми тарҳрезӣ, истеҳсол ва истифодаи таҷҳизоти газистифодашаванда (қисмҳо, воҳидҳои васлкунӣ, комплекс ва маҷмӯаҳо) истифодашаванда;

- қолиби намунавӣ - намунаи ҳаммонандшудаи таҷҳизоти газистифодашаванда аз рӯи таъиноти вазифавӣ ва иҷрои асоснок, ки дар як ва ҳамон хел шароити раванди технологии барои баҳодиҳии мутобиқат интихобшуда (гирифташуда) истеҳсол шудааст;

- асбобҳои бехатарӣ - асбобҳое, ки хомӯшкунии автоматии интиқоли газро ба сархонаи асосӣ, ҳангоми тамоюли параметрҳои санҷидашаванда ба ҳадди иҷозатдодашуда таъмин мекунанд.

## 3. Доираи татбиқи Регламенти техникӣ

4. Регламенти техникии мазкур барои таҷҳизоти газистифодашаванда, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешавад, татбиқ карда мешавад.

5. Дар Регламенти техникии мазкур мафҳуми таҷҳизоти газистифодашаванда чунин фаҳмида мешавад:

а) таҷҳизоте, ки барои тайёр намудани ғизо, гармидиҳӣ ва таъмини оби гарм, аз ҷумла таҷҳизоти иборат аз дастгоҳҳои маҷмӯавӣ пешбинӣ шудааст;

б) сархонаҳои ғалтакии худкор ва таҷҳизоти газистифодашаванда бо сархонаҳои ғалтакии худкоре, ки дар зербанди (а) банди мазкур нишон дода шудаанд;

в) асбобҳои барои насбкунӣ ба таҷҳизот пешбинишуда ва алоҳида аз таҷҳизот дар муомилот ҷойдоштаи дар зербанди (а) ва (б) банди мазкур дарҷгардида, аз ҷумла асбобҳои идоракунӣ, батанзимдарорӣ ва бехатарӣ.

6. Талаботи Регламенти техникии мазкур нисбат ба таҷҳизоти газистифодашавандаи ба Номгӯи таҷҳизоти газистифодашаванда воридгашта, ки бояд аз тасдиқоти ҳатмии мутобиқат тавассути барасмиятдарории сертификати мутобиқат гузарад, мутобиқи замима муқаррар карда мешавад.

7. Регламенти техникии мазкур ба намудҳои зерини таҷҳизоти газистифодашаванда татбиқ карда намешавад:

а) дегҳои буғӣ бо фишори буғи зиёда аз 0,07 МПа ва дегҳои обгармкунӣ бо ҳарорати оби зиёда аз 115 С;

б) таҷҳизоти барои истифода дар равандҳои технологии корхонаҳои саноатӣ истифодашаванда, ба истисноии таҷҳизоти газистифодашавандае, ки ба Номгӯи дар замима овардашуда ворид гаштааст;

в) таҷҳизоте, ки дар онҳо газ ба сифати сӯзишвории муҳаррик истифода мешавад.

8. Аломатҳои асосие, ки таҷҳизоти газистифодашавандаро тавсиф менамоянд чуниннанд:

а) ном, модел (навъ) ва таъиноти таҷҳизоти газистифодашаванда;

б) намуд ва фишори номиналии гази истифодашаванда;

в) иқтидори номиналии гармӣ;

г) шиддат ва суръати ҷараёни барқ (барои таҷҳизоти газистифодашаванда, ки ба шабакаи барқӣ пайваст шудаанд).

9. Ҳаммонандкунии таҷҳизоти газистифодашаванда бо дарназардошти аломатҳои дар банди 8 қисмати мазкури ин Регламенти техникӣ дарҷшуда бо роҳи муқоисаи хусусиятҳои таҷҳизоти газистифодашаванда бо онҳо, ки дар борҷнома, тамға ва ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ нишон дода шудаанд, гузаронида мешавад.

## 4. Қоидаҳои ба муомилоти бозорӣ баровардан

10. Таҷҳизоти газистифодашаванда ҳангоми мутобиқати он ба Регламенти техникии мазкур ба шарте, ки мутобиқи банди 9 Регламенти техникии мазкур тасдиқи мутобиқатро гузашта, дорои ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи бехатарии онро тасдиққунунда бошанд, ба муомилоти бозорӣ бароварда мешаванд.

## 5. Талаботи бехатарӣ

11. Таҷҳизоти газистифодашаванда бояд хатари таркишро аз манбаъҳои дохилии алангагирӣ истисно намоянд.

12. Сархонаи бо омехтакунии пешакии пурра бояд хатари таркишро дар ҳама реҷаҳои сӯхтани сӯзишвории газӣ, ки аз тарафи истеҳсолкунанда пешбинӣ шудаанд, истисно намояд.

13. Сархонаи муштараки сӯзиш бояд бехатарии таҷҳизоти газистифодашавандаро дар ҳолати сӯзиши алоҳидаи сӯзишвориҳои газмонанд ва гази моеъ таъмин намояд.

14. Таркиботи роҳи газгузари таҷҳизоти газистифодашаванда бояд баландшавии меъёри ниҳоии имконпазири ихроҷи газро, ки аз тарафи истеҳсолкунанда муқаррар шудааст, истисно намояд.

15. Пайвастагиҳои роҳҳои газ бояд ҳавоногузар бошанд.

16. Таҷҳизоти газистифодашаванда бояд ҳавокашии камераҳои сӯзишро аз ҳисоби кашиши табиӣ ва интиқоли маҷбурии ҳаво пеш аз афрӯзиш ва афрӯзиши такрории сархона таъмин намоянд.

17. Иқтидори бакордарорӣ ва вақти барангезиши (даргирии) сархонаи таҷҳизоти газистифодашаванда ҳангоми афрӯзиш ва афрӯзиши такрорӣ, миқдори кӯшиши афрӯзиши такрорӣ, вақти манъи интиқоли газ ҳангоми хомӯш шудани аланга бояд барои пешгирии ҷамъшавии хатарноки гази носӯхта маҳдуд бошад. Сархонаи сӯзиш бояд барангезиши (даргирии) муназзамро бо алангаи якзайл дар ҳама сатҳи болоии сархона таъмин намояд.

18. Таҷҳизоти газистифодашавандае, ки барои истифода дар ҷойҳо ва биноҳои дарунӣ пешбинӣ шудаанд, бояд дорои асбобҳое бошанд, ки пешгирии ҷамъшавии гази носӯхтаро таъмин намоянд. Дар биноҳо истифодаи таҷҳизоти газистифодашаванда бе чунин асбобҳо мутобиқи талаботи ҳавокашии бино, ки дар дастурамал оид ба васлкунӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти газистифодашаванда муқаррар шудааст, иҷозат дода мешавад.

19. Таркиботи таҷҳизоти газистифодашаванда набояд хатари алангагирии сатҳи такягоҳӣ ва қисмати пайвастшудаи таҷҳизоти газистифодашавандаро эҷод намояд.

20. Таҷҳизоти газистифодашаванда бояд устувории аланга ва мавҷуд набудани консентратсияҳои манъшудаи оксиди карбон ва азотро (нитрогенро) дар маҳсули сӯзиш таъмин намояд.

21. Таҷҳизоти газистифодашавандаи бо дудкаш пайвастшуда, бояд хориҷкунии тасодуфии маҳсули сӯзишро ба бино истисно намояд.

22. Таҷҳизоти газистифодашавандаи бо дудкаш пайвастшуда бояд манъи интиқоли газро ба сархонаи сӯзиш ҳангоми вайрон шудан дар системаи ҷудокунии маҳсули сӯзиш таъмин намояд.

23. Асбобҳои бехатарии таҷҳизоти газистифодашавандаи гармидиҳӣ ва обгармкунӣ, ки бо дудкаш пайваст нашудаанд ва бо асбобҳои ҳавокашии ҷудокунии маҳсули сӯзиш таҷҳиз нашудаанд, бояд назорати ҳолати ҳавои атмосферӣ ва қатъшавии интиқоли газро ба сархонаи сӯзиш дар ҳолати консентратсияи оксиди карбон дар ҳавои бино, ки ҳадди иҷозатдодашудаи консентратсияро баланд менамоянд, таъмин намоянд.

24. Конденсати ҳангоми даргиронӣ бавуҷудомада набояд ба бехатарии таҷҳизоти газистифодашаванда таъсир расонад.

25. Таҷҳизоти газистифодашаванда бояд бавуҷудоии конденсатро ҳангоми сӯзиши сузишвории газӣ (ғайр аз таҷҳизоти газистифодашаваядае, ки дар реҷаи конденсатсионӣ кор мекунанд) истисно намояд.

26. Маводҳое, ки ҳангоми истеҳсоли таҷҳизоти газистифодашаванда метавонанд бо маводи ғизоӣ ё обӣ бо мақсади санитарӣ истифодашаванда пайваста бошанд, набояд ба пастшавии сифати онҳо таъсир расонанд.

27. Таҷҳизоти газистифодашаванда бояд пайдоиши ҳолатҳои ноустувор, деформатсия, порашавӣ ё корношоямиро, ки бехатарии онҳоро дар мӯҳлати хизматашон паст мекунанд, истисно намояд. Ҳамаи қисмҳое, ки зери фишор қарор доранд, бояд дорои сарбории механикӣ ва ҳароратии истифодабарӣ ҷиҳати пешгирӣ аз пайдоиши деформатсия, ки ба бехатарии таҷҳизоти газистифодашаванда таъсир мерасонанд, бошанд.

28. Маводҳое, ки дар истеҳсоли таҷҳизоти газистифодашаванда истифода мешаванд, бояд ба таъиноти худ мутобиқат намоянд ва ба таъсироти механикӣ, ҳароратӣ ва кимиёвӣ, ки давоми мӯҳлати хизмати таҷҳизот аз онҳо мегузаранд, устувор бошанд.

29. Тафсидани сатҳи болои асбобҳои идоракунии дастӣ ва қисмати болоии таҷҳизоти газистифодашаванда, ки истифодабаранда мумкин аст бо онҳо муносибат дошта бошад, ба истиснои сатҳи болоие, ки вазифаи гармидиҳӣ ё тафсидани алангаи кушодаро иҷро мекунад, набояд ба сӯхтани ҳароратӣ оварда расонад.

30. Таркиботи таҷҳизоти газистифодашавандае, ки барои таъминоти оби гарм пешбинӣ шудааст, бояд асбобҳоеро ба назар гирад, ки сӯхтагии ҳароратии истифодабарандаи оби дар системаи гармидиҳӣ истифодашавандаро истисно намояд.

31. Лаппиши ҷараёни барқ ё тағйирёбии хусусиятҳои энергияи ёрирасон ва ҳамчунин хомӯш кардани энергия ва минбаъд барқарор кардани он, набояд бехатарии таҷҳизоти газистифодашавандаро вайрон намояд.

32. Таҷҳизоти газистифодашавандае, ки ба шабакаи барқӣ пайваст щудааст, бояд ҳифзи таъсири ҷараёни барқро таъмин намояд.

33. Агар таҷҳизоти газистифодашаванда бо асбобҳои идоракунӣ таҷҳиз шуда бошад, пас кори онҳо набояд бехатарии асбобҳоро вайрон намояд.

34. Таҷҳизоти газистифодашаванда бояд бехатариро ҳангоми аз кор баромадани дилхоҳ асбоби батанзимдарорӣ, идоракунӣ ё бехатарӣ таъмин намояд.

35. Асбобҳои идоракунӣ, батанзимдарорӣ ва арматураҳои (ҷузъҳои васлкунию маҳкамкунанда) маҳкамкунии таҷҳизоти газистифодашаванда бояд дорои таъинот ва нишондиҳаидаҳои дахлдори пешгирикунандаи амалҳои хато аз тарафи истифодабаранда бошад.

36. Асбобҳои бехатарӣ, идоракунӣ ва батанзимдарории таҷҳизоти газистифодашавандае, ки аз тарафи истеҳсолкунанда муқаррар ва ба танзим даровардa мешавад ва танзими васлгар ё истифодабарандаро талаб намекунанд, бояд бо тарзи дахлдор ҳифз шаванд.

37. Дар ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ маълумоти маҳдудкунандаи шароити истифодабарии таҷҳизоти газистифодашаванда ё пешгирикунанда оид ба

зарурати андешидани чораҳо доир ба таъминоти бехатарӣ нишон дода мешаванд.

## 6. Талабот ба ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ

38. Дар маҷмӯаи таҳвили таҷҳизоти газистифодашаванда бояд ҳуҷҷатҳои истифодабарандаи зерин дохил шаванд: дастурамал оид ба васл, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти газистифодашаванда ва дастур оид ба истифодабарии он. Ҳуҷҷатҳои номбаршуда бо забони давлатӣ ва (ё) русӣ таҳия карда мешаванд.

39. Ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ дар ҳомилони (паҳнкунандагони) варақӣ таҳия карда мешаванд. Ба онҳо маҷмӯи ҳуҷҷатҳои истифодабариро дар ҳомилҳои электронӣ замима намудан мумкин аст. Ҳангоми зарурат ба якҷоя намудани ҳуҷҷатҳои нишондода иҷозат дода мешавад.

40. Дастурамал оид ба васл, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти газистифодашаванда бояд дорои маълумоти зерин бошад:

а) тавсифи умумии таҷҳизоти газистифодашаванда ва тартиби кори онҳо;

б) иқтидори гармии номиналӣ ва (ё) маҳсулнокии ҳароратии номиналии таҷҳизоти газистифодашаванда;

в) намудҳо ва фишори номиналии газҳои истифодашаванда;

г) тартиби гузаронидани таҷҳизоти газистифодашаванда аз як намуди газ ба дигар намуд;

д) талабот ба ҳавокашии бино, ки дар он таҷҳизоти газистифодашаванда барои таъмини раванди сӯзиш, роҳ надодан ба ҷамъшавии газҳои хатарноки носӯхта ва фароҳамовари шароите, ки аз байн бурдани маҳсули сӯзишро таъмин менамояд;

е) талабот ба сархонаҳои ғалтакии газӣ ва таҷҳизоти газистифодашаванда, ки ин сархонаҳо барои онҳо пешбинӣ шудаанд ва дар вақти зарурат номгӯи мувофиқатҳои (комбинатсияҳои) аз тарафи истеҳсолкунанда тавсияшуда, барои кафолат додан ба васлу танзими мувофиқ, таъмин намудани хусусиятҳои техникии дархостдодашуда ва бехатарии намунаи васлшудаи таҷҳизоти газистифодашаванда ҳангоми истифода;

ж) талабот ба таркиби кимиёвии об барои таҷҳизоти гармкунанда (дар ҳолате, ки агар об ҳомили гармӣ ба ҳисоб равад);

з) шиддати номиналии шабакаи барқӣ барои таҷҳизоти газистифодашаванда бо қувваи барқии системаи автоматикӣ (худкор);

и) намудҳо ва даврияти хизматраоонии техникӣ, ки таҷҳизоти газистифодашаванда бояд аз он дар раванди истифодааш гузарад;

к) хусусиятҳои корношоямии таҷҳизоти газистифодашаванда ва усулҳои аз байн бурдани онҳо;

л) талабот ба табодули ҳаво дар биное, ки дар он ҷойгиркунии таҷҳизоти газистифодашавандаи гармидиҳанда ва обгармкунандаи бо дудкаш пайвастнашуда ва бо асбобҳои ҳавокаш барои ҷудо намудани маҳсули сӯзиш ҷиҳозониданашуда, иҷозат дода шудааст;

м) ном ва макони ҷойгиршавии истеҳсолкунанда (шахсе, ки вазифаи истеҳсолкунандаи хориҷиро иҷро менамояд), маълумот барои тамос бо онҳо;

н) моҳ ва соли истеҳсоли таҷҳизоти газистифодашаванда ва (ё) маълумот дар бораи ҷойи нишон додан ва роҳи муайян намудани соли истеҳсол.

41. Дастур оид ба истифодабарии таҷҳизоти газистифодашаванда бояд дорои ҳама маълумоти зарурӣ барои истифодаи бехатари он дар тамоми мӯҳлати хизмат бошад ва маҳдудияти имкониятҳои онро ба истифодабаранда нишон диҳад. Дар дастур оид ба истифодабарӣ бояд тавсияҳо ҷиҳати

бехатарии истифодаи партовҳои таҷҳизоти газистифодашаванда муқаррар шуда бошад.

42. Арматураҳои (ҷузъҳои васлкунию маҳкамкунанда) барои васлкунӣ ба таҷҳизоти газистифодашаванда пешбинишуда ва асбобҳое, ки барои дар дохили таҷҳизоти газистифодашаванда барои насб таъин шудаанд, бояд дар маҷмӯа бо дастурамал оид ба васл, хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти газистифодашаванда таҳвил дода шавад.

## 7. Талабот ба тамғагузорӣ ва борҷомакунӣ

43. Ҳар як қисми таҷҳизоти газисгафодашаванда, ки дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешавад, бояд бидуни ҷудокунӣ бо истифодаи асбоб тамғагузории фаҳмою осонхони дар ҷойи барои муоина дастрас сабтшуда дошта бошад, ки дар давоми мӯҳлати хизматрасонии таҷҳизоти газистифодашаванда нигоҳ дошта мешавад.

44. Маълумрте, ки онро тамғагузории таҷҳизоти газистифодашаванда дар бар мегирад, бо забони давлатӣ ва (ё) русӣ навишта мешаванд. Тамғагузорӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

а) ном ва (ё) нишони молии истеҳсолкунанда, номи кишваре, ки маҳсулот он ҷо истеҳсол шудааст;

б) модели (навъи) таҷҳизот;

в) рақами силсилавӣ (рақами партия);

г) санаи истеҳсоли таҷҳизот (моҳ, сол);

д) иқтидори номиналии гармӣ ва (ё) гармиистеҳсолқунии номиналии таҷҳизоти газистифодашаванда;

е) намуд ва фишори номиналии гази истифодашаванда;

ж) қувва, шиддати ҷараёни барқ ва иқтидори барқи масрафшуда (барои таҷҳизоти газистифодашавандае, ки ба шабакаи барқӣ васл шудааст).

45. Навиштаҷоти огоҳикунанда, ки дар таҷҳизоти газистифодашаванда дарҷ шудааст, бояд ба истифодабаранда иттилооти зеринро диҳад:

а) оид ба хатари таркиш, сӯхтор, заҳролудшавӣ аз ғубори газ, таъсири зараровари ҳароратӣ, зарбарасонии ҷараёни барқ (барои таҷҳизоти газистифодашавандае, ки ба шабакаи барқӣ васл шудааст);

б) дар бораи зарурати ҷойгиркунии таҷҳизоти газистифодашаванда дар бинои дорои ҳавои тоза (барои таҷҳизоти газистифодашавандае, ки маҳсули сӯзишро дар бино паҳн менамояд).

46. Ҳамаи сӯрохиҳои пайвастшавандаи лӯлаҳо бояд бо сарпӯшҳои транспортерӣ маҳкам карда шаванд.

47. Ҳар як қисми таҷҳизоти газистифодашаванда бояд тавре борҷома шавад, ки ҳифзи онро дар ҳолати нигоҳдорӣ ва интиқол таъмин намояд. Борҷома бояд шароити интиқол, борбарорию борфарории таҷҳизоти газистифодашавандаро таъмин намояд.

48. Дар тарафи берунии борҷома бояд тамғагузорӣ дарҷ карда шавад. Тамғагузорӣ бояд батартиб (хоно) ва намоён буда, бо ранги шустанашаванда (обдуркунанда) ва баръакси ранги борҷома сабт шуда бошад.

49. Тамғагузорӣ дар борҷома бояд дорои маълумоти зерин бошад:

а) модел (навъи) таҷҳизот;

б) намуд ва фишори номиналии гази истифодашаванда;

в) аломатҳои пешгирии сохтакорӣ;

г) ном ва (ё) ншпони молии истеҳсолкунанда, номи кишваре, ки маҳсулот он ҷо истеҳсол шудааст;

д) аломатҳои пешгирии сохтакорӣ дар ҷойҳои гуногуни борҷома такроран бояд дарҷ ёбанд.

50. Тамғагузорӣ фақат дар борҷома иҷозат дода мешавад, агар имконияти бевосита сабт кардани он дар таҷҳизоти газистифодашаванда бинобар сабаби хусусиятҳои таркибот набошад.

## 8. Таъмини мутобиқат ба талаботи бехатарӣ

51. Мутобиқати таҷҳизоти газистифодашаванда ба талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур бо иҷрои талаботи бевоситаи он ё иҷрои талаботи стандартҳои байнидавлатӣ ва давлатӣ, ки дар натиҷаи ба таври ихтиёрӣ истифода намуданашон талаботи риояи Регламенти техникии мазкур таъмин мегардад.

52. Қоида ва усулҳои таҳқиқ (санҷиш) ва ченкуниҳо, аз ҷумла қоидаи интихоби намунаҳо, ки барои истифода ва иҷрои талаботи Регламенти техникии мазкур ва амалӣ намудани баҳодиҳии (тасдиқоти) мутобиқати маҳсулот зарур аст, дар стандартҳои байнидавлатӣ ва давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

53. Номгӯи стандартҳои дорои қоида ва усулҳои санҷиш ва ченкунӣ, аз ҷумла қоидаи интихоби намунаҳое, ки ҷиҳати истифода ва иҷрои Регламенти техникӣ барои таҷҳизоти газистифодашаванда ва амалӣ намудани баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулот заруранд, аз тарафи мақоми ваколатдори татбиқи танзими давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ муқаррар карда мешавад.

54. Иҷрои ихтиёрии талаботи стандартҳои мазкур, ки номгӯяшон мутобиқи тартиби нишондодашудаи қонунгузорӣ тасдиқ шудааст, дар бораи мутобиқати таҷҳизоти газиотифодашаванда ба талаботи Регламенти техникии мазкур шаҳодат медиҳад.

## 9. Баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати таҷҳизоти газистифодашаванда

55. Баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати таҷҳизоти газистифодашаванда ба талаботи Регламенти техникии мазкур дар шакли зерин амалӣ мегардад:

- сертификаткунонии ҳатмӣ;

- назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур.

56. Сертификатсияи ҳатмии таҷҳшоти газистифодашаванда аз тарафи мақоми миллӣ (мақоми давлатии марказӣ) оид ба сертификатсия ва дигар мақоми сертификаткунонӣ, ки доираи акредитатсияаш барои таҷҳизоти газистифодашаванда татбиқ мешавад, дар асоси шартнома ва (ё) дархост байни дархостдиҳанда бо мақоми сертификаткунонӣ амалӣ карда мешавад. Санҷишҳо бо мақсади сертификаткунонӣ дар озмоишгоҳҳои (марказҳои) ташхисии аккредитатсияшуда гузаронида мешаванд.

57. Дархостдиҳанда (истеҳсолкунанда, фурӯшанда, таҳвилгар) ӯҳдадор аст мутобиқати таҷҳизоти газистифодашавандаро ба талаботе, ки Регламенти техникии мазкур муқаррар намудааст, таъмин намояд.

58. Назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур вобаста ба равандҳои истеҳсолот ва ба муомилот баровардани таҷҳизоти газистифодашаванда аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ амалӣ карда мешавад.

## 10. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Регламенти техникии мазкур

59. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Регламенти техникии мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.